

**14.03.2018 20:24, Казокистон**

Мухтарам намояндагони воситахои ахбори омма,

Хонумон ва чанобон,

Мо ба ин сафар ахамияти калон медихем.

Мо натичахои онро бисёр мусбат ва самарабахш мехисобем.

Чонибхо як катор хуччатхои дучонибаи такозои замонро, ки заминаи хукукии муносиботи мутакобилаи моро мукаммалтар сохтанд, ба имзо расониданд.

Онхо имкон медиханд, ки сатхи хамкории бисёрчонибаи мо дар сигаи стратегӣ густариш дода шавад.

Соли равон ба истикрори муносибатхои дипломатӣ миёни давлатхои мо бисту панч сол пур шуд.

Дар давраи сипаригашта кишвархои мо тачрибаи бузурги хамкории созандаро дар шароити нави сохибистиклолӣ ба даст оварданд.

Бо такя ба ин тачриба, мо ният дорем, ки минбаъд тамоми мачмӯи муносибатхои Точикистону Казокистонро ба манфиати мардумони ду кишвар ва умуман минтака густариш дихем.

Ба масъалаи тахкими шарикии стратегии мамлакатхоямон мо хамеша ахамияти афзалиятнок медихем.

Бинобар ин, як кисми мухими сафар идомаи муколамаи байнидавлатӣ доир ба мачмӯи васеи рушди муносибатхои дучониба буд.

Казокистон имрӯз дар низоми робитахои байналмилалии тичоратию иктисодии Точикистон мавкеи пешсафӣ касб мекунад.

Соли гузашта гардиши дучонибаи мол миёни кишвархоямон бисту чор фоиз афзоиш ёфт ва аз рӯи хачми он Казокистон миёни шарикони тичоратии Точикистон зинаи дуюмро ишгол намуд.

Дар ин росто, мо масъалаи густариши мачмӯи хамкориямонро дар бахшхои мухталифи иктисодиёт баррасӣ намудем.

Гап дар бораи рушди шаклхои дарозмуддати хамкории иктисодию сармоягузорӣ ва тавсеаи номгӯи табодули мол бо назардошти имкониятхои чонибхо меравад.

Густариши робитахоямон дар чунин бахшхои бунёдии иктисодиёт, ба мисли саноат, энергетика, наклиёт ва кишоварзӣ метавонанд омили рушди мухими муносибатхои

тичоративу иктисодии мо гарданд.

Мо зимни музокироти доиршуда раванди мусбати мӯътадили хамгироии кишвархоямонро дар колаби сиёсӣ ва самти фархангию гуманитарӣ зикр намудем.

Мо бо Нурсултон Абишевич талоши катъӣ дорем, ки минбаъд низ шарикиро дар ин самтхо густариш дихем, то онро хам аз нигохи сифат ва хам сатх бештар тахким бахшем.

Мо ба он андешае хамфикр будем, ки аз рушди муваффаки самтхои муайяншудаи муносибатхои байнидавлатӣ аз бисёр чихат пешрафти минбаъдаи тамоми мачмӯи хамкории Точикистону Казокистон вобаста мебошад.

Точикистон ва Казокистон иштирокчиёни фаъоли чараёнхои минтакавӣ ва байниминтакавӣ махсуб мешаванд.

Мо бо Нурсултон Абишевич барои тахкими иктидори хамкорӣ  дар чахорчӯби СММ, САХА, СХШ, ИДМ, СААД ва дигар сохторхои хамкории бисёрчанба, ки хар ду чониб аъзои он мебошанд,  изхори назар намудем.

Оид ба тамоми мачмӯи масоили дорои хусусияти минтакавӣ ва байниминтакавии барои мо манфиатовар муфассал андешахоямонро баён намудем.

Ахамияти хамкории минбаъда дар самти истифодаи сарфакоронаи захирахои обӣ-энергетикии минтака зикр гардид.

Точикистон алокамандии худро ба ухдадорихои байналмилалӣ ва тавофукоте, ки дар ин самт ба даст омадаанд, тасдик менамояд.

Мо тарафдори хамкории наздик ва созанда миёни давлатхои минтака оид ба хамаи самтхои муносибатхои вобаста ба об  мебошем.

Дар маркази таваччух масоили вобаста ба амният карор доштанд.

Мо хавасмандии мутакобиларо барои тамдид ва тахкими хамкорӣ дар сигахои гуногун оид ба масоили мубориза бо хатару чолишхои чахонӣ тасдик намудем.

Зарурати тахкими хамкории макомоти салохиятдори мо дар мубориза бо терроризм, экстремизм, интиколи маводи мухаддир ва дигар шаклхои чинояткории муташаккили фаромиллӣ таъкид гардид.

Мо мачмӯи масъалахоро оид ба Афгонистон, ки кишвархои мо доир ба он мавкеи ягона доранд, баррасӣ намудем.

Мо барои амалхои минбаъдаи якчоя оид ба мусоидат ба баркарорнамоии сулх ва субот дар Афгонистон изхори назар намудем.

Таваччухи зарурӣ ба масоили рушди робитахои фархангӣ-гуманитарӣ равона гардид.

Ахамияти тавсеаи минбаъдаи хамкорӣ дар сохахои маориф ва илм, фарханг, санъат, сайёхӣ ва дигар самтхои мавриди таваччухи хамдигар таъкид гардид.

Дар самти ба хам наздик шудани мардумони мо чамъиятхои точикон ва казокон накши мухим доранд.

Дар ин росто мо оид ба икдомхои муштараки минбаъда чихати дар худуди давлатхоямон ташкил намудани  шароити мусоид барои фаъолияти марказхои миллии фархангии ду

чамъият дар самти мухофизат ва рушди  махсусиятхо, анъанахои маънавию фархангӣ, оинхо ва забони давлатӣ изхори назар намудем.

Дар ин робита икдоми чониби Казокистонро дар мавриди ба яке аз кӯчахои Остона додани номи асосгузори адабиёти классикии точик Абуабдулло Рӯдакӣ маъкул медонем.

Мехостам зикр намоям, ки чун рамзи эхтиром ба хотираи фарзандони номдори мардуми казок яке аз кӯчахои маркази Точикистон номи мутафаккири барчаста Абайро дорад.

Муносибатхои байнидавлатӣ, пеш аз хама, бар робитахои байни одамон, хам дар сатхи мансабдорон ва хам шахрвандони одӣ асос ёфтаанд.

Дар робита ба ин, мехохам ахамияти имзои Созишнома дар бораи тартиби будубоши шахрвандони чонибхоро дар каламрави якдигар зикр намоям.

Акнун шахрвандони мо метавонанд хангоми сафархои мутакобилаи худ дар каламрави чонибхо бидуни бакайдгирӣ то 30 рӯз ва бо бакайдгирӣ - то 90 рӯз карор дошта бошанд.

Натичахои музокироти имрӯза, бе мухобот, ба мо имкон медиханд, ки баояндаи дурнамои шарикии стратегии кишвархоямон бо умеди бузург ва нек назар кунем.

Мухтарам хонумон ва чанобон,

Зимни хар як сафар ба Остона, ман аз дастовардхои бузурги кишвари шумо ба вачд меоям.

Казокистон дар замони истиклолият дар рушди ичтимоию иктисодӣ ва таххими некӯахволии мардуми худ чахиши кавӣ намуд.

Дар хамаи ин дастовардхои Казокистон сахми Рохбари он, дӯсти деринаам, ходими сиёсӣ ва давлатии дорои тачрибаи бузург ва нуфуз, мухтарам Нурсултон Абишевич Назарбоев бузург аст.

Сахми Шумо дар таххими муносибатхои дӯстона ва хамкории бисёрчонибаи кишвархоямон низ ахамиятнок мебошад.

Шумо хамчун чонибдори фаъоли ин раванд ба рушди созандаи муносибатхои Точикистону Казокистон таваччухи доимӣ зохир менамоед.

Мо сатхи ноилшудаи хамгироии байни кишвархоямонро баланд арзёбӣ менамоем.

Бо истифода аз фурсат, ба Шумо барои талошхоятон дар ин самт, барои дастгирӣ ва кумаке, ки хамеша ба мо мерасонед, миннатдории самимиамонро изхор медорам.

Бо камоли эхтиром, Шуморо даъват менамоям, ки дар вакти бароятон муносиб ба Чумхурии Точикистон бо сафар ташриф оред.

Аз дидоратон дар сарзамини Точикистон шод хохем буд.

Бори дигар ба Шумо, мухтарам Нурсултон Абишевич ва дар симои Шумо ба мардуми Казокистон барои истикболи гарму самимӣ ва мехмоннавозии анъанавии казокӣ изхори

миннатдорӣ менамоям.

Ташаккур.